Бо фармоиши директори
Агентии Тоҷикстандарт
№______ аз «____»_________
соли 20____, тасдиқ шудааст.

# Б А Р Н О М А И
дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022

## 1. МУНДАРИҶА

1. Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гашта, ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад.

2. Мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба миён омадани ҳолатҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад.

3. Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатии демократӣ, таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозандаи саъйю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад. Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмуии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза

бар зидди коррупсия, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2021 сол, №222 «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ гардид.

4. Ҷиҳати иҷрои банди 3 фармони мазкур дар Агентӣ нақшаи кори дохилиидоравӣ таҳия гардида, бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ карда шуд. Нақшаи чорабиниҳои мазкур аз 17 банд иборат мебошад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

5. Мақсади барнома ташаккули низоми самаранокии хизмат, таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ, пешгирии коррупсия дар Агентии Тоҷикстандарт ва боз ҳам баланд бардоштани нақш ва нуфузи мақомот дар ҷомеа мебошад.

6. Баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба коррупсия, ташаккул додани маданияти ҳуқуқии кормандон, таъмин намудани шаффофияти фаъолияти Агентӣ мебошад.

7. Вазифаҳои барнома инҳо мебошанд:

- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва хуруҷ ёфтани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ;
- таҳияи тадбирҳое, ки ба таъмини шаффофияти шахсони масъул равона карда шудаанд;
- таҳлили шаклҳои зоҳиршавии вайронкунии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар Агентии Тоҷикстандарт;
- муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиркунии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда (таҳлили хавфҳои коррупсия);
- таҳия (такмил) - и чораҳои таҳкими интизоми хизматию давлатӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар Агентии Тоҷикстандарт.

## 3.ЧОРАБИНИҲОИ ПЕШБИНИНАМУДАИ БАРНОМА ТИБҚИ НАҚШАИ КОРИ ДОХИЛИИДОРАВИИ АГЕНТӢ

8. Нақшаи кори дохилиидоравии Агентӣ бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардида, аз чунин чорабиниҳо иборат мебошад:

- Бо дар назар доштани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ - *банди 4 нақшаи Стратегия;*
- Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия) - и хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ - *банди 5 нақшаи Стратегия;*

- Баррасӣ намудани масъалаи бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо - *банди 6 нақшаи Стратегия;*

- Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо - б*анди 9 нақшаи Стратегия;*

-Такмили қонунгузории стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ - б*анди 10 нақшаи Стратегия;*

- Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ - *банди 23 нақшаи Стратегия;*

- Содагардонии расмиёти маъмурӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи татбиқ намудани барномаҳои зиддикоррупсионии мақсаднок, аз ҷумла бекор намудани қоидаҳои барзиёд вобаста ба сертификатсия - б*анди 24 нақшаи Стратегия;*

- Вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи Агентӣ - *банди 41 нақшаи Стратегия;*

- Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи Агентӣ - *банди 42 нақшаи Стратегия;*

- Тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа - *банди 43 нақшаи Стратегия;*

- Амалӣ намудани тарғиби ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаҳои интернет - *банди 48 нақшаи Стратегия;*

- Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия - б*анди 49 нақшаи Стратегия;*

- Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупісонӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он - б*анди 52 нақшаи Стратегия;*

- Марҳила ба марҳила мукаммал гардонидани шаклу усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои муваффақ дар ин самт - *банди 53 нақшаи Стратегия;*

- Тақвият бахшидани фаъолият дар самти экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷамъиятии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои

онҳо, аз ҷумла ҳатмӣ гардонидани иҷрои талаботи хулосаҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ - *банди 64 нақшаи Стратегия;*

- Гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Агентӣ - *банди 65 нақшаи Стратегия;*

- Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсия) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) - *банди 66 нақшаи Стратегия.*

9. Муовинони директор, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, шахсони масъул тибқи нақшаи кори дохилиидоравии мазкур вазифадор карда шудаанд, ки бандҳои дахлдори онро бо сифати баланди касбӣ давра ба давра иҷро намуда, аз натиҷааш ҳисобот манзур намоянд.

## 4. МУҲЛАТ ВА МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

10.Барнома дар соли 2022 татбиқ мегардад. Тибқи банди 1 нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур дар Агентӣ барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ барои ҳар сол дар таҳрири нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

11. Муҳлат ва марҳилаи татбиқи барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ тибқи нақшаҳои кори дохиилиидоравии Агентӣ ҷиҳати татбиқи «Стратегияи давлатии муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» муқаррар карда мешавад.

## 5. НАТИҶАҲОИ НИҲОӢ АЗ ТАТБИҚИ БАРНОМА

12. Натиҷаҳои ниҳоие, ки аз татбиқи барнома бармеоянд, инҳоянд:

- фаъолияти касбии кормандони Агентии Тоҷикстандарт дар асосӣ дастурамалҳои мансабӣ ба роҳ монда мешаванд;
- иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабии кормандон ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо таъмин мегардад;
- барои шаффоф ва таҳти назорати ҷомеа фаъолият намудани мақомот замина фароҳам оварда мешавад;
- самаранокии сиёсати кадрӣ дар низоми мақомот бо мақсади сифатан беҳтар намудани ҳайати кадрӣ таъмин карда мешавад.

## 6. МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

13. Механизми асосии татбиқи барномаи мазкур аз инҳо иборат аст:

- такмили низоми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони Агентии Тоҷикстандарт;

- ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии иттилоотӣ бо роҳи иттилоотикунонии дастгоҳи марказӣ бо гузариш ба муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо (ҳукумати электронӣ);

- чорабиниҳои ташкилӣ оид ба татбиқи барнома.

14.Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии стандартизатсия, метрология сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 бо дарназардошти чорабиниҳои нақшаи кори дохилиидоравӣ барои соли 2022 амалӣ карда мешавад.